**Дастурамал**
**оиди баҳисобгирии пилла**
**(шакли № 17 – маҳсулоттайёркунӣ»**

Ҳамаи корхонаҳои пиллақабулкунӣ сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияташон ҳисоботи шакли №17-маҳсулоттайёр-кунӣ(фаврӣ)-ро ба мақомоти маҳаллии омор пешниҳод менамоянд. Ҳисоботи шакли №17-маҳсулоттайёркунӣ(фаврӣ) дар асоси варақаи қабули шакли №20-ВҚ тартиб дода мешавад.

Дар вақти фиристодани пилла ба нуқтаҳои қабул 3 нусха борхати нақлиётии шакли №1-кишоварзӣ(пилла) тартиб медиҳанд, ки дар он миқдор ва сифати пилла нишон дода мешавад. Нусхаҳо ба пилласупоранда, ронандаи нақлиёти боркаш  ва муҳосиботи корхонаи пиллақабулкунӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Ташкилотҳои маҳсулоттайёркунӣ баъди қабули пилла ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ варақаи қабули шакли №20-ВҚ дар 3 нусха тартиб медиҳанд. Барои хоҷагиҳои аҳолӣ варақаи қабули шакли №20-ВҚ дар 2 нусха тартиб дода мешавад. Пиллаи ғайристандартӣ (қарапачақ) дар ҳаҷми умумии истеҳсол ба ҳисоб гирифта намешавад.

Мақомоти омори маҳаллӣ ҳисоботро дар бораи истеҳсоли пилла дар асоси ҳисоботҳои ташкилотҳои маҳсулоттайёркунӣ шакли №17-маҳсулоттайёркунӣ(фаврӣ) тартиб медиҳанд.

Ҳисобот бо имзои роҳбар ва сармуҳосиби корхонаҳои коркарди пилла дар мӯҳлатҳои муайяншуда (ҳар рӯзи душанбе дар давраи маҳсулоттайёркунӣ) ба мақомоти маҳаллии омор пешниҳод карда мешавад.